# Масҳи бар по дар Қуръону суннат

Илёс Қосимов

# *Феҳристи китоб*


***Муқаддима*** **7**

***Қуръон ва амри бар масҳ*** **9**

*Сураи Моида охирин сураи нозила* 9

*Ҷабраил ва таълими таҳорат бар Паёмбар* 10

*Паёмбари Акрам ва баёни ояи таҳорат* 12

*Аҳодиси дигар* 15

*Аҳодиси Амиралмӯъминин Алӣ алайҳис салом ва дигарон* 19

*Таҳрифи ҳадиси Амиралмӯъминин алайҳис салом* 25

*Идомаи аҳодиси Амиралмӯъминин алайҳиссалом* 27

*Бухорӣ ва таҳрифи ин ҳадис* 28

*Тавотури аҳодиси масҳи бар по* 53

*Мӯътақидон бар масҳ аз тобеин* 53

*Аҳодиси мактаби Аҳли Байт* 59

***Ояи вузӯ аз дидгоҳи уламо*** **65**

*Натиҷаи ин баҳс ва суханони аҷиб* 72

*Иддаои насхи масҳ ва ояи вузӯ* 88

*Суннат ва шустани поҳо* 91

*Амр бар арзаи аҳодис ба Қуръон* 91

*Теъдоди шустан ва масҳи аъзо* 94

*Масҳи бар хуффайн ва масҳӣ* 98

Ахбори мактаби Аҳли Байт 122

*Масҳ баъд аз нузули Моида* 131

***Тазаккури чанд матлаби муҳим*** **140**

***Китобнома*** **152**

# *Муқаддима*

Яке аз масоили хеле муҳим дар Ислом масъалаи ҳукми поҳо дар таҳорат аст, ки Ислом бар шустани онҳо амр фармуда ва ё бар масҳи бар онҳо амр фармудааст. Дар ин китоб дар бораи ин масъала бо баёни ояту аҳодиси исломӣ ва сираи саҳоба ва тобеин ва уламо, ошно хоҳем шуд. Дар ин мавзӯъ ибтидо бо амри ояи Қуръони Карим ва назари Паёмбари Акрам саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дар бораи ин оя ва ҳамчунин назароти саҳоба ва тобеин ва уламо ошно хоҳем шуд ва сипас бо аҳодиси исломӣ дар бораи ҳукми по дар таҳорат ошно хоҳем шуд.

Бояд диққат дошта бошем, ки то нузули ояи таҳорат дар сураи Моида, ки охирин сураи нозила аз Қуръон буда, зоҳиран Паёмбар саллаллоҳу алайҳи вао лиҳи поҳоро мешустаанд ва ҳамчунин бар масҳӣ ва кафш низ масҳ мекардаанд. Вале бо нузули ояи таҳорат ун ҳукмҳо яъне шустану масҳи бар масҳӣ ва кафш насх шуда аст. Ба ҳамин хотир мо ба аҳодисе, ки дар бораи шустану масҳи бар кафшу масҳӣ ворид шуда нахоҳем пардохт, чун ин ояи шарифа ва ахбору аҳодиси марбут ба он ҳақиқати ин масъаларо равшан кардааст ва ниёз бар баррасӣ он ахбору аҳодис нахоҳад буд.

## *Қуръон ва амри бар масҳ*

Худованди Мутаол дар Қуръони Карим мефармояд:

**يا أيها الذين آمنوا إذا قمتم إلى الصلاة فاغسلوا وجوهكم وأيديكم إلى المرافق وامسحوا برءوسكم وأرجلكم إلى الكعبين.**

Эй касоне, ки имон овардаед! Вақте мехоҳед намоз бихонед, сурат ва дастҳои худро то оринҷ бишӯед ва ба сару пои худ то каъбайн (баромадагии по) масҳ бикашед.[1]

Зоҳири ояи шарифа ҳамон гуна, ки мулоҳиза мекунед хеле равшан ҳасту ба равшанӣ мефармояд: Бар сар ва поҳои худ масҳ бикунед.

Инак, бо аҳодис ва назароти муфассирон низ дар ин маврид ошно хоҳем шуд.

### *Сураи Моида охирин сураи нозила*

Лозим ба ёдоварист, ки ояи таҳорат аз оятҳои муҳками Қуръон аст ва насх нашудааст:

Ҷубайр ибни Нуфайр мегӯяд:

**عن جبير بن نفير قال: دخلت على عائشة فقالت: هل تقرأ سورة المائدة قلت نعم قالت فانها آخر سورة نزلت فما وجدتم فيها من حلال فاستحلوه فما وجدتم فيها من حرام فحرموه.**

Бар Оиша дохил шудам ва ӯ гуфт: Оё сураи

1. Моида, 6.

Моидаро мехонӣ? Гуфтам: Оре. Гуфт: Ҳамоно ин сура охирин сураи нозил шуда аст, пас ҳар чӣ дар он аз ҳалол ёфтед ҳалол бидонед ва ҳар ҳароме пайдо кардед ҳаром бидонед.[1]

Ҳоким ин ҳадисро бо ду санад ривоят карда ва санади ҳар дуро ӯ ва Заҳабӣ ба шарти Бухорӣ ва Муслим саҳеҳ донистаанд ва Шуайб Арнаути ваҳҳобӣ низ онро ба шарти саҳеҳайн دониста ва аҳодиси дигар низ ворид шуда, ки дар охири ин баҳс ба онҳо ишора хоҳад шуд.

## *Ҷабраил ва таълими таҳорат бар Паёмбар*

Дар аҳодис ворид шуда, ки ҳазрати Ҷабраил алайҳиссалом ба Расули Худо *(Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)* ингуна таҳоратро таълим додааст:

**١. عن عروة بن الزبير... قال: ففتح جبريل عينا من ماء فتوضأ والنبي؟ص؟ ينظر إليه فغسل وجهه ويديه إلى المرفقين ومسح رأسه ورجليه إلى الكعبين ثم نضح فرجه وسجد سجدتين.**

Урва ибни Зубайр мегӯяд: Ҷабраил (ҳангоми оғози ваҳй кардан ба Паёмбар *(Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)* намоз ва таҳоратро таълим дод), ба ин тартиб, ки чашмаеро кушод ва таҳорат намуд ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ӯро нигоҳ мекарданд, пас сурат ва дасташро то мирфақ шуст ва бар сару поҳояш то каъби по масҳ кашид,

1. Муснади Аҳмад, ҷ 6, саҳ 183, р 25588. Мустадраки Ҳоким, ҷ 2, саҳ 340, р 3210, 3211.

сипас ду ракъат намоз хонд.[1]

Солеҳии Шомӣ баъд аз нақли ин ҳадис мегӯяд: Абӯнаим ин ҳадисро аз Язид ибни Руммон аз Зӯҳрӣ аз Урва аз Оиша ривоят карда ва ин санадҳо якдигарро тақвият мекунанд ва далолат бар ин мекунанд, ки ин достон асл ва воқеият дорад.[2]

Ибни Ҳаҷар дар бораи ин ҳадис мегӯяд:

**وهو مرسل ووصله أحمد من طريق ابن لهيعة أيضا لكن قال: عن الزهري عن عروة عن اسامة بن زيد عن أبيه. وأخرجه ابن ماجه من رواية رشدين بن سعيد عن عقيل عن الزهري نحوه لكن لم يذكر زيد بن حارثة في السند. وأخرجه الطبراني في الأوسط من طريق الليث عن عقيل موصولا. ولو ثبت لكان على الشرط الصحيح لكن المعروف رواية ابن لهيعه**

Ин ҳадис мурсал аст, Аҳмад онро мавсул ривоят карда аз Ибни Лаҳиа аз Зӯҳрӣ аз Урва аз Усома аз Зайд. Ва Ибни Моҷа ин ҳадисро бо санади Рушдайн аз Ақил аз Зӯҳрӣ монанди он нақл карда ва танҳо Зайдро ном набурдааст. Табаронӣ ин ҳадисро аз тариқи Лайс аз Ақил мавсул ривоят кардааст. Ва агар собит шавад, ба шарти саҳеҳ хоҳад буд, вале ин ҳадис аз ривояти Ибни Лаҳиа аст. Фатҳул борӣ, ҷ 1, саҳ 189, 205.

Санади Байҳақӣ саҳеҳи мурсал аст ва санади Табаронӣ комилан саҳеҳ ва Солеҳии Шомӣ низ санади онро хеле хуб донистааст. Субулул ҳудо

1. Далоилун нубувваи Байҳақӣ, ҷ 2, саҳ 13, р 450. Таърихи Исломи Заҳабӣ, ҷ 1, саҳ 29.
2. Субулул ҳудо вар рашод, ҷ 2, саҳ 296. Хасоисул куброи Суютӣ, ҷ 1, саҳ 233

вар рашод, ҷ2, с296.

قال الحلبي: قال بعض فقهائنا: فإن حديث جبريل ليس فيه إلا مسحهما أي أن جبريل أول ما جاء النبي؟ص؟ بالوحي توضأ فغسل وجهه ويديه إلى المرفقين ومسح برأسه ورجليه إلى الكعبين.

Ҳалабӣ мегӯяд: Баъзе аз фуқаҳои мо гуфтаанд: Дар ҳадиси Ҷабраил танҳо масҳи сар ва по ворид шудааст, яъне Ҷабраил аввалин боре, ки ваҳӣ овард, таҳорат кард, пас сурат ва дастонашро то оринҷ шуст ва бар сару поҳояш то баромадагии по масҳ кард.[1]

Пас ин ҳадис саҳеҳ ва собит аст ва матлабе ҳам бар хилофи он дар китобҳои ҳадисӣ ривоят нашудааст.

## *Паёмбари Акрам ва баёни ояи таҳорат*

Расули гиромии Ислом саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дар ҳадиси саҳеҳе ояи таҳоратро онгунае, ки ворид шуда баён фармуда ва аз воҷиб будани масҳи поҳо бинобар ҳукми Қуръон ингуна баён фармудаанд:

١. عن رفاعة بن رافع انه كان جالسا عند النبي؟ص؟ فقال: انه لا تتم الصلاة احدكم حتى يسبغ الوضوء كما امره الله التعالى: يغسل وجهه ويديه إلى المرفقين ويمسح برأسه ورجليه إلى الكعبين...

Рафоа ибни Рофеъ назди Паёмбар *(Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)* нишаста буд, ҳазрат фармуданд: Намози касе аз шумо комил намешавад, магар ин

1. Сираи Ҳалабӣ, ҷ 1, саҳ 253, боби "Зикру вузӯиҳи ва салотиҳи фи аввалил беъса".